## ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА–018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Ҳасанзода Шаҳноза Музафар дар мавзуи «Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) пешниҳод шудааст.

1. Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он инъикос мегардад, ки имрӯз ҷаҳони мутамаддини муосир тағйир ёфта, ҷомеаи муосир дар баробари он дигаргун мешавад. Ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун низоми мустақили ҳуқуқӣ дар марҳалаи кунунии рушди ҷомеа воситаи универсалии ба сатҳи ҷаҳонӣ расонидани низоми танзими ҳуқуқӣ дар давлат буда, таъсири он ба низомҳои ҳуқуқии давлат равшан аст. Дар зери таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ низоми ҳуқуқии давлатҳо ба тағйироти амиқ дучор шуданд. Ин, пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки давлатҳои мутамаддин ба ҳайси аъзои комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ баромад намуда, дар Конститутсияҳои худ ба ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба қонунгузории дохилидавлатӣ афзалият медиҳанд.

Тоҷикистон пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ, ҳамчун аъзои комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардид ва дар арсаи байналмилалӣ мақому мартабаи худро ишғол намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои комилҳуқуқи ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ буда, дар ташаккули ҳуқуқи байналмилалӣ бо ташаббусҳои байналмилалии худ фаъолона иштирок менамояд. Вобаста ба ин масъала, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунанд: «Ҳамкории Тоҷикистон бо ҳамаи созмонҳои бонуфузи байналмилаливу

минтақавӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони ҳамкории исломӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ва ниҳодҳои дигар ба фароҳамсозии шароит ва имконот барои тақвияти мавқеи кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ ва иштироки фаъоли он дар равандҳои глобалӣ ва барномаву заминаҳои мухталиф равона гардидааст».

Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти комилҳуқуқи ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад. Аз ин рӯ, қ. 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, ки «санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд». Ин меъёри конститутсионӣ принсипи нави рушди ҳуқуқи дохилидавлатиро муайян намуда, ба низоми ташаккули қонунгузории кишвар тағйиротҳои ҷиддӣ ворид намудааст. Ҳамин тариқ, яке аз аломатҳои узвияти комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ин ворид шудани давлатҳо ба низоми ҳуқуқи байналмилалӣ ва таъмини ҳамкории онҳо бо қонунгузории дохилидавлатӣ мебошад.

Дар шароити муосир дар раванди равобити мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ давлат, пеш аз ҳама, ба манфиатҳои миллӣ такя мекунанд. Аз ин рӯ, принсипҳои асосии равобити мутақобилаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ дар ҷумҳурӣ дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 мустаҳкам карда шудааст. Дар он қайд карда шудааст, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофнамуда, дар асоси меъёру принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ бо дарназардошти ҳадаф ва манфиатҳои миллӣ амалӣ менамояд».

Ҳамаи нуктаҳои дар боло зикршуда мубрамияти мавзуи интихобшуда ва зарурати таҳлили комплексии равобити мутақобилаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалиро дар шароити нави геосиёсии

ҷаҳонӣ ва бино ба дастовардҳои муосири илми ҳуқуқшиносӣ нишон медиҳанд.

2. Диссертатсия ба талаботҳои бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ. ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад. Диссертатсия кор илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз ҷониби унвонҷӯй мустақилона таҳияшуда, сатҳи навгонӣ ва дар шароити ҷумҳурӣ татбиқшаванда буданро дорад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ самти ҳуқуқшиносӣ ба таври васеъ истифода шаванд, ки он саҳми бевоситаи унвонҷӯйро нишон медиҳад.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти мазкур ба Шиносномаи ихтисосҳои 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) пешниҳод шудааст, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи Фармоиши Комиссяи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7-уми январи соли 2022, № 16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 6 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи оли аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои унвонҷӯй баён шудаанд. Теъдоди маводи чопшудаба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Ҳасанзода Ш.М., истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути

иқтибос ба расмият давроварда шудаанд, ки аз риоя шудани Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯй маълумои ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби ӯ чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61-уми Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни оли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба роҳбарӣ гирифта,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертасияи Ҳасанзода Шаҳноза Музафар дар мавзуи «Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат), ки ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA–018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳақиқони зеринро, ки бо корҳои илмӣ – таҳқиқотиашон ба ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат мувофиқ мекунад, ба ҳайси муққаризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Раҷабзода Равшан Муҳитдин** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, профессори кафедраи назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1-и Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- **Сафарзода Некрӯз Файзӣ** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар муассисаи таҳсилоти олии касбии «Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳия Рашт» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автоеферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи ташхис:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Назаров А.К.

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва
ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ,
аъзои комиссияи экспертӣ Мирализода И.К.

Аъзои комиссия ташхис:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи назария ва таърихи
давлат ва ҳуқуқи факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ,
аъзои комиссияи экспертӣ Иброҳимзода Д.Қ.

Имзоҳоро тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«_24_»____06_____2025